Бо қарори мушовараи
Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 28.07.2012, №12/24
тасдиқ карда шудааст.

**Дастурамали вазифавии кормандони муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ**

**Қоидаҳои умумӣ**

Дастурамали вазифавӣ барои кормандони муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ (минбаъд Дастурамал)-вазифаҳои хизматӣ, ҳуқуқӣ, уҳдадорӣ, масъулият ва реҷаи кориро муайян менамояд.

Кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, конунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи муассисаи таълимӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф ба роҳ мемонанд. Дастурамали вазифавӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи намунавӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳия карда шудааст.

**1. Дастурамали вазифавии директори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ**

Ба вазифаи директори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ, дараҷа (унвон)-и илмӣ ва собиқаи кории аз рӯи ихтисос на камтар аз 5 сол дошта бошад.

Директори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ бо риояи талаботҳои тахассусии зерин аз тарафи Муассис бамансаб таъйин ва ё аз мансаб озод карда мешавад:

-донистани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;

-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-мавҷудияти дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор;

-малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;

-кор карда тавонистан бо компютер.

Директори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият доир ба самти раванди таълиму тарбия бевосита дар назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошад.

Дар мавриди набудани Директор вазифаҳои хидматии ӯ мувақатан ба зиммаи ҷонишини директор оид ба корҳои таълимӣ мегузарад.

**Вазифаҳои умумӣ**

-дар асоси қонунгузории ҷорӣ ва асноди меъёрии ҳуқуқӣ роҳбарии муассисаи таълимиро амалӣ мегардонад;

-рафти иҷрои Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбиро, раванди таълиму тарбияро таъмин менамояд;

-дар раванди таълим ҳифзи саломатӣ ва озодии донишҷӯён ва кормандони муассисаи таълимиро дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд;

-амалишавии нақша ва барномаҳои таълимиро таъмин менамояд;

-стратегия, мақсад ва вазифаҳои муассисаи таълимиро муайян мекунад, оид ба нақшаҳои барномавӣ, иштироки муассисаи таълимӣ дар барнома ва лоиҳаҳои гуногун қарор қабул мекунад, назорати талаботи муқарраргардидаро оид ба шароити раванди таълим, барномаҳои таълимӣ, натиҷаи фаъолияти муассисаи таълимӣ, мунтазам баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаи таълимӣ таъмин менамояд;

-шаффофияти арзёбии сифати таълимро дар муассисаи таълимӣ таъмин менамояд;

-дар доираи салоҳияти худ маблағҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавиро идора карда, самарабахшӣ ва таъсирнокии онҳоро таъмин менамояд;

-сохтор ва воҳидҳои кории муассисаи таълимиро тасдиқ мекунад;

-интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳоро ба роҳ мемонад;

-барои мунтазам аз такмили ихтисос гузаронидани кормандон шароит муҳайё мекунад;

-барои таъмини шароити меҳнат тибқи талаботи ҳифзи меҳнат чораҳо меандешад;

-барои таъмини муассисаи таълимӣ бо кадрҳои баландихтисос, истифодаи мақсаднок ва инкишофи дониши тахассусӣ ва таҷрибаи онҳо чораҳо андешида, захираи кадриро бо мақсади ивази ҷойҳои корӣ таъмин менамояд;

-барои рӯҳбаландӣ, расонидани кӯмаки моддӣ ба кормандон, кори босифат, баланд бардоштани мақоми меҳнат дар муассисаи таълимӣ, фаъолияти идораи муассисаи таълимӣ ва мустаҳкам намудани интизоми меҳнат чораҳо меандешад;

-иҷрои ҳуҷҷатҳоеро, ки аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳо оид ба таҳсилоти миёнаи касбӣ ворид мешаванд, таъмин менамояд;

-санадҳои меъёрии ҳудуди муассисаи таълимиро, ки меъёрҳои қоидаҳои меҳнатӣ, аз он ҷумла масъалаи таъмини музди меҳнатро бо

назардошти ақидаи намояндагии ташкилоти кормандон дар бар мегиранд, қабул мекунад;

-фаъолияти сохторҳои соҳавӣ, омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаи таълимиро ба нақша гирифта, аз болои онҳо назорат мебарад;

-муносибат ва ҳамкории босифатро бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идораи маҳаллӣ, корхона ва ташкилотҳо, ҷомеа, падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва шаҳрвандон таъмин менамояд;

-муассисаи таълимиро дар ташкилотҳои давлатӣ, маҳаллӣ ва ҷамъиятӣ, дигар муассиса ва ташкилотҳо муаррифӣ менамояд;

-барои фаъолияти ташкилотҳои омӯзгорӣ (педагогӣ)-ю, равоншиносӣ ва иттиҳодияҳои методӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, аз он ҷумла ташкилоти ҷавонон мусоидат менамояд;

-баҳисобгирӣ, амният ва ғанӣ гардонидани заминаи таълимию моддии муассисаи таълимӣ, риояи қоидаҳои санитарӣ-гигении реҷаи меҳнат, баҳисобгирӣ ва ҳифзи ҳуҷҷатҳои оинномавӣ ва сарчашмаҳои иловагии маблағгузориро таъмин менамояд;

-ба амволи муассиса назорат мекунад, бо муассисаҳои давлатӣ, хусусӣ, саҳҳомӣ, шахсӣ шахсони воқеъӣ шартномаҳо мебандад, дар бонкҳо суратҳисоби ҷорӣ ва махсусро мекушояд;

-барои иҷрои корҳои хоҷагӣ, таъмиру тармими муассиса созишнома ва шартномаи меҳнатӣ мебандад;

-акти соқиткунӣ ва воситаҳои асосиро тасдиқ менамояд;

-ҳисоботи ҳарсоларо оид ба даромад ва хароҷоти маблағҳо ва умуман оид ба фаъолияти муассисаи таълимӣ ба Вазорати маориф пешниҳод менамояд;

**Директори муассисаи таълимӣ ҳуқуқ дорад:**

-аз кормандони муассисаи таълимӣ иҷрои тамоми супоришҳои худро талаб намояд;

-барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ мусоидати Вазорати маорифро гирад;

-бо лоиҳаҳои қарорҳои Вазорати маориф, ки ба муассисаи таълимӣ дахл доранд, шинос шавад;

-ба Вазорати маориф оид ба масъалаҳои марбут ба фаъолияти худ пешниҳод манзур созад;

**Дастурамали вазифавии**
**ҷонишини директор оид ба корҳои таълимӣ**

Ба вазифаи ҷонишини директор оид ба корҳои таълим шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ васобиқаи кории аз рӯйи ихтисос на камтар аз 5 сол дошта бошад.

Ҷонишини директор оид ба кори таълим ташкилотчии бевоситаи фаъолияти таълимӣ ва корҳои методию баландбардории такмили ихтисоси омӯзгорон ҳисоб меёбад. Таҳти роҳбарии вай мудирони шӯъбаҳои рӯзона ва ғоибона доир ба ихтисосҳо, мудирони кафедраҳо, раисони комиссияҳои фаннӣ, омӯзгорон, лаборантҳо ва коркунони қисми таълимӣ фаъолият мекунанд.

Ҷонишини директор оид ба кори таълим бевосита дар назди директор ҳисоботдиҳанда мебошад.

**Ӯҳдадориҳои асосӣ:**

-ташкил кардан, банақша гирифтан ва назорат кардани раванди таълим, корҳои методии шӯъбаҳои рӯзона ва ғоибона;

-назорат кардани иҷроиши нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо, сифатнок гузаронидани дарсҳо, корҳои курсӣ ва корҳои дипломӣ;

-банақшагиранда, роҳбарикунандаи омодагиҳо ба соли нави таҳсил, ташкилкунанда ва тарғибгари тахассусҳо, назоратгари иҷроиши нақшаҳо, қабул ва хатми мутахассисон, рафти имтиҳоноти дохилшавӣ;

-ташкилдиҳандаи кори синфхонаҳои дарсӣ ва озмоишгоҳҳо (лабораторияҳо), таъмини онҳо бо васоити зарурӣ, аёниятҳо;

-ташкилкунандаи такмили ихтисос, таҷрибаивазнамоии деканҳо, мудирони кафедра, омӯзгорон, шахсони ёрирасони таълимӣ, ҷамъбасткунанда ва вусъатдиҳандаи таҷрибаи пешқадами корӣ;

-омӯхтани талаботи истеҳсолии мутахассисон ва банақшагирии муваффақонаи қабул ва хатми мутахассисон;

-тасдиқкунандаи ҳисоботи корҳои методӣ-таълимӣ;

-омодакунандаи маводи корҳои таълимӣ-методӣ баҳри баҳо додан ба Шӯрои илмӣ, таълимӣ-методӣ;

-тарҳрезикунандаи чорабиниҳо барои мукаммалгардонии раванди таълим, ҷорикунандаи усулҳои нави пешқадам, шакл ва воситаҳои таълим ва тарбияи донишҷӯён;

-омодакунандаи мавод оид ба масъалаҳои идрорпулӣ (стипендия);

-таъминкунандаи муассисаи таълимӣ бо ҳуҷҷатҳои таълимӣ ва методӣ;

-ташкилкунандаи фаъолияти эҷодии донишҷӯён;

-назорати гузаронидани таҷрибаҳои истеҳсолии донишҷӯён;

-ташкилкунанда ва назораткунандаи кори шӯъбаи таълим;

-баҳисобгиранда ва назораткунандаи иҷроиши сарбории таълимӣ мувофиқ ба сарбории ҷудогашта;

-омӯхтани таҷрибаи пешқадами дигар муассисаҳои таълимӣ;

-назорат кардани вазъи фанҳои таълимии донишҷӯён.

**Ҷонишини директор оид ба корҳои таълимӣ ҳуқуқ дорад:**

-ба раводиди директор ҷобаҷогузории омӯзгорон, лаборантҳо, сарбории таълимӣ, истифодабарии синфхонаҳо ва лабораторияҳои таълимӣ, мукофотонидани донишҷӯён ва омӯзгоронро барои ноил гаштан ба муваффақиятҳо роҳандозӣ мекунад;

-назорати ҳама гуна супоришу дастурҳоро оид ба раванди таълим ва талаб намудани иҷроиши онҳоро амалӣ мекунад;

-нақшаҳои кории омӯзгорон, деканҳо, мудирони кафедраҳо ва шӯъбаи таълимро тасдиқ менамояд;

-ба ҳуҷҷатҳое, ки ба корҳои таълимӣ, илмӣ-тадқиқотӣ дахл доранд имзо мегузорад;

-дар ҳолати ҳузур надоштани директор иҷрои як қатор вазифаҳои ӯро ба зимма мегирад.

**Дастурамали вазифавии**
**ҷонишини директор оид ба корҳои илмӣ**

Ба вазифаи ҷонишини директор оид ба корҳои илмӣ шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ, номзади илм васобиқаи кории аз рӯйи ихтисос на камтар аз 5 сол дошта бошад.

Ҷонишини директор оид ба бахши илм дар назди директор барои ташкили самараноки корҳои илмиву тадқиқотӣ дар миқёси муассисаи таълимӣ, татбиқи дастовардҳои навини илм дар раванди таълим, истифодаи самараноки иқтидор ва имконоти илмии муассисаи таълимӣ дар ҳалли вазифаҳои аввалиндараҷаи хоҷагии халқ ва парвариши кадрҳои илмӣ масъул аст. Ҷонишини директор оид ба корҳои илмӣ дар ҳолати вуҷуд доштани 1000 ҳазор нафар донишҷӯ дар шӯъбаи рӯзона ташкил карда мешавад.

Ҷонишини директор оид ба кори илм бевосита дар назди директор ҳисоботдиҳанда мебошад ва дар вақти набудани директор ба ҷонишини директор оид ба таълим итоат мекунад.

**Ӯҳдадориҳои асосӣ:**

-муайян намудани дурнамо, барномарезӣ ва танзими фаъолияти илмии муассисаи таълимӣ.

-роҳбарӣ ва назорати раванди иҷрои тадқиқоти илмии кафедраҳо.

-мусоидат ба таҳкими пояҳои илмиву методии раванди таълиму тарбия, ба раванди таълим ворид кардани натиҷаву дастовардҳои олимони муассисаи таълимӣ, мусоидат ба таъмини ягонагии раванди таълим, тадқиқоти илмӣ ва тарбия дар муассисаи таълимӣ.

-танзим ва назорати фаъолияти семинарҳои илмӣ- методии назди кафедраҳо ва маҳфилҳои илмии донишҷӯён.

-ташкили конфронсҳои илмӣ-амалӣ, илмӣ-методӣ дар сатҳи муассисаи таълимӣ ва таъмини ширкати кормандони муассиса дар конфронсҳо ва машваратҳои илмӣ- методии берун аз муассисаи таълимӣ.

-ташкил ва назорати таҳияи ҳисоботи мавсимиву солонаи илмӣ ва пешниҳоди онҳо ба Шӯрои олимони муассисаи таълимӣ ва мақомоти дахлдор;

-омода сохтани нақшаҳои солона ва дурнамои нашри китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ- методӣ.

**Ҳуқуқ дорад:**

-Ба директор оид ба нақша гирифтани маблағҳо барои корҳои илмиву тадқиқотӣ аз ҳисоби маблағгузориҳои буҷавӣ ва маблағҳои тибқи шартнома воридшаванда таклифҳо пешниҳод кунад.

-ба Шӯрои омӯзгорони муассисаи таълимӣ доир ба ҳавасмандгардонии устодон ва донишҷӯёне, ки дар самти пешбурди корҳои

илмӣ тадқиқотӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаанд таклифҳо пешниҳод кунад.

-нақшаҳои кории семинарҳои илмӣ- методии назди кафедраҳо ва мафҳилҳои фаннии донишҷӯёнро дида баромада, тасдиқ кунанд.

-ба директор оид ба такмили корҳои илмӣ-методӣ дар муассиса пешниҳод кунад.

-ба ҳуҷҷатҳои ба корҳои илмӣ дахлдор имзо кунад.

**Дастурамали вазифавии**
**ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ**

Ба вазифаи чонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ шахсе тавсия ва таьин карда мешавад, ки таҷрибаву собиқаи корӣ ва лаёқати ташкилотчигӣ дошта бошад. Ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ ҷаҳонбинии васеъ ва қобилияти дурусти сарфаҳм рафтан ба хаёти сиёсӣ-иқтисодии мамлакат ва ҷоҳонро доро бошад.

Корхои тарбиявӣ қисми таркибӣ ва ҷузъи ҷудонашавандаи таълиму тарбия дар муассисаи таълимӣ маҳсуб мешавад. Сохаи корҳои тарбиявӣ барои иҷрои бо муваффақияти нақшаю чорабиниҳои фаъолияташ бо ташкилотҳои ҷамъиятии муассисаи таълимӣ, кор бо ҷавонон, Шӯрои занон, китобхона, муррабиён алоқаи зичро ба роҳ мемонад. Дар тадбиқ намудани сиёсат оид ба амалӣ гардонидони Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, амру супоришҳои Вазорати маориф бахри боло рафтани ҳисси инсондӯстӣ, ватанпарварӣ ва тайёр будан ба ҳимояи марзу буми давлат масъул мебошад. Баҳри боло гирифтани ифтихори миллӣ, худшиносӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ дар байни насли наврас кори доимӣ мебарад.

Ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ дар ҳолати вуҷуд доштани 1000 нафар донишҷӯ дар шӯъбаи рӯзона ташкил карда мешавад.

**Ӯҳдадориҳои асосӣ:**

-Корҳои оммавӣ-сиёсиро дар муассисаи таълимӣ (факултетҳо, кафедраҳо, шӯъбаҳо бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, китобхона, хобгоҳи донишҷӯён) зери назорат мегирад;

-ҳуқуқ дорад, ки барои ноил гаштан ба дастовардҳои хуби корҳои тарбиявӣ шаклу роҳҳои гуногунро нисбати декану кураторҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ андешад;

-бо волидайн, инспексияи кор бо ноболиғону ҷавонон алоқаи зич барқарор намояд;

-донишҷӯёни сусттарбия ва аз оилаҳои камбизоатро ба қайд гирифта бароиислоҳшавӣ ба шахсони таҷрибадор вобаста намояд;

-нақшаҳои корҳои тарбиявиро тасдиқ менамояд ва дар асоси супоришу дархости органҳои болоӣ ба онҳо таъғироту илова пешниҳод менамояд;

-сифати дарсҳои тарбиявӣ, машғулиятҳои берун аз синфӣ ва кори махфилу сексияҳоро зери назорат мегирад;

-ҳайати кураторонро ба гурӯҳҳои таълимӣ барои фармоиш ба директор пешниҳод менамояд;

-оид ба беҳдошти шароити истироҳатӣ, моддӣ ва маишӣ тадбирҳо меандешад;

-корҳои тарбиявӣ-сиёсиро дар хобгҳи донишҷуён зери назорат мегирад;

-ба фаъолияти китобхона ва китобдорҳо, кори шӯъбаи ташкилӣ тарбиявӣ ва кор бо ҷавонон, бахши варзиши ва мурабиён сарварӣ менамояд;

-барои риоя намудани интизоми меҳнати ва вайрон кардани низоми кории зердастон ба директор гузориш пешниҳод менамояд;

-ба корҳои тарбиявӣ ва омавию сиёсӣ аз як марказ роҳбари менамояд;

-иштирокро дар чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ таъмин маенамояд;

-ба шанбегӣ ва ҳашарҳои ободонӣ коллективро сафарбар менамояд.

-дар байни ҳайати омӯзгорон ҳам корҳои оммавӣ-сиёсиро ба роҳ мемонад.

**Ҳуқуқ дорад:**

-ба директор мукофотонидани донишҷӯёну омӯзгорон, кормандони хоҷагӣ ва истифодаи чораҳои интизомӣ таклифҳо пешниҳод мекунад.

-аз болои кори ҳамаи шахсони ба ӯ тобеъ назорат ва аз онҳо иҷрои бевоситаи корҳои супоридашударо талаб менамояд.

-нақшаҳои корҳои тарбиявии гурӯҳҳои таълимиро назорат мекунад.

-ба диққати директор оид ба такмили корҳои тарбияви таклифҳо пешниҳод мекунад.

-ба ҳуҷҷатҳои ба кори тарбиявӣ дахлдор имзо мекунад.

**Дастурамали вазифавии**
**ҷонишини директор оид ба корҳои хоҷагидорӣ**

Ҷонишини директор оид ба корҳои хоҷагидорӣ ташкилотчии фаъолияти хоҷагӣ, молиявӣ ба шумор меравад. Таҳти роҳбарии ӯ кормандони хоҷагии хизматрасон, боғбон, фаррош, посбон, устои барқ, сохтмончиён ва ғ. кор мекунанд. Ҷонишини директор оид ба корҳои хоҷагидорӣ дар назди директори муассисаи таълимӣ ҳисоботдиҳанда мебошад.

**Ӯҳдадориҳои асосӣ:**

-талаб кардани иҷрои вазифаҳои хизмати аз ҳамаи кормандони хоҷагӣ.

-барои беҳдошти фаъолияти хоҷагидорӣ ба директор таклифу дорхостҳо пешниҳод намудан.

-оид ба ташкили шароити маиши ва маводи барои машғулиятҳо ва кор дар муассисаи таълимӣ ва хобгоҳ.

-сари вақт барои бастани шартномаҳо бо ташкилотҳои хоҷагӣ-коммуналӣ ва хизматрасонии техникӣ тайёр намуда ва рафти иҷрои онҳоро назорат менамояд.

-истифодабарии дурусти биноҳои таълимӣ ва хобгоҳро таъмин менамояд.

-нигоҳдории дуруст ва хароҷоти маводҳои таълимӣ ва масолеҳи сохтмониро таъмин мекунад.

-таъмири асосии биноҳо ва дигар иншоотҳои ёрирасонро ба нақша гирифта, ташкил намуда, харҷнома тартиб медиҳад.

-қоидаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва зидди сӯхторро иҷро мекунад.

**Ҳуқуқ дорад:**

-нисбати коркунони хоҷагӣ оид ба ҳавасмандкунӣ ва чораҳои маъмурӣ дидан таклифҳо пешниҳод ме кунад.

-аз ҳамаи донишҷӯён, омӯзгорон ва коркунони хоҷагӣ риояи қоидаи дохилиро талаб кунад.

**Дастурамали вазифавии Сардори шӯъбаи таълим**

Сардори шӯъбаи таълим ташкилотчии раванди таълиму тарбия ҳисоб меёбад. Таҳти роҳбарии ӯ омӯзгорон ва роҳбарони гурӯҳҳо кор мекунанд. Мудири шӯъбаи таълим аз болои корҳои таълимӣ- тарбиявӣ дар гурӯҳҳо ва иҷрои ҷадвали машғулиятҳо аз тарафи омӯзгорон назорат мекунад. Сардори шӯъбаи таълим дар ҳолати вуҷуд доштани зиёда аз 500 ҳазор нафар донишҷӯ дар шӯъбаи рӯзона ташкил карда мешавад.

Дар назди ҷонишини директор оид ба корҳои таълимӣ ҳисоботдиҳанда мебошад.

**Ӯҳдадориҳои асосӣ**

-тартиб додани нақшаи кории солонаи шӯъбаи таълим;

-муайян ва тақсим кардани вазифаҳои кормандони шӯъбаи таълим;

-иҷрои нақша ва барномаҳои таълимӣ, ҷадвали дарсӣ ташкил ва назорат мекунад;

-ҷамъбасти нимсолаи якум ва дуюм, тартиб додани чорабиниҳо оид ба раванди таълим ва сифати донишомӯзии донишҷӯён;

-ташвиқоти ихтисосҳо, иҷрои нақшаи қабул, хатми мутахассисон ва гузаронидани имтиҳони қабулро ташкил ва назорат мекунад;

-таҷрибаи пешқадами роҳбарони гурӯҳҳо, омӯзгорон ва лабарантҳоро ҷамъбаст ва паҳн мекунанд;

-сифати азхудкунии фанҳоро назорат менамояд;

-дар Шӯрои илмӣ (педагогӣ) иштирок мекунад.

-ҳисоботи корҳои таълимӣ-тарбиявӣ ва методиро тартиб медиҳад, ҳисоботи роҳбарони гурӯҳо ва лабарантҳоро қабул менамояд;

-дарсҳои иловаги ба кансултатсияҳоро ташкил ва назорат менамояд;

-дар ҷамбасти озмунҳо иштирок намуда, ба диқати ҳамагон расонидани натиҷаи онро таъмин мекунад;

-маводҳоро барои пешниҳод ба комисияи идрор тайёр мекунад.

-аз болои ҳолати интизоми донишҷӯён назорат мекунад;

-аз болои ҳолати журналҳои гурӯҳӣ назорат менамояд;

-бо хатмкунандагони муассисаи таълимӣ алоқа бақарор менамояд;

-дар кори комиссия аттесатсионӣ иштирок мекунад;

-дар кори ҷаласаи назоратии назди директор ширкат меварзад;

-оид ба шӯъбаҳо ҳисоботҳоро бо формаи 2-НК-тартиб медиҳад.

**Ҳуқуқ дорад:**

-дарсҳои омӯзгоронро назорат мекунад, оид ба беҳтаршавии сифати онҳо супориш медиҳад.

-ба ҷонишини директор оид ба корҳои таълимӣ дар бобати мукофотонӣ ва дидани чораҳои интизомӣ ба донишҷӯён, роҳбарони гурӯҳҳо, омӯзгорон ва лабарантҳо таклиф пешниҳод кунад.

-дар ҳолати зарурӣ ивази дарсҳоро ташкил мекунад.

-оид ба хориҷ ва гузаронидани донишҷӯён ба курси дигар, таъини донишҷӯён ба идрорпулӣ таклиф пешниҳод мекунад.

-сардори шӯъбаи таълим оид ба масъалаҳои таълимӣ-методӣ метавонад ба шахсони масъул супориш диҳад ва иҷрои онро аз шахсони масъул талаб намояд.

**Дастурамали вазифавии мудири шӯъбаи ғоибона**

Мудири шӯъбаи ғоибона ташкилотчии бевоситаи раванди таълиму тарбия дар шӯбаи ғоибона мебошад. Таҳти роҳбарии ӯ раисони комиссияҳои фаннӣ-силсилавӣ ва омӯзгорон, ки дар шӯъба кор мекунанд, фаъолият менамоянд. Ба ӯ методисти шӯъба ва ҳайъати коркунони техникии шӯъбаи ғоибона итоат мекунанд. Мудири шӯъбаи ғоибона дар ҳолати вуҷуд доштани зиёда аз 1000 нафар донишҷӯ дар шӯъбаи рӯзона ва шӯъбаи ғоибона ташкил карда мешавад.

**Ӯҳдадориҳои асосӣ:**

-дар шӯъба корҳои таълимӣ-тарбиявиро ташкил ва ба он роҳбарӣ мекунанд.

-иҷрои нақшаю барномаҳои таълимиро таъмин менамояд.

-ҷадвали машғулиятҳоро тартиб дода, аз болои иҷрои он назорат мекунад.

-масъала ва маводҳои дар Шӯрои илмӣ (педагогӣ) муҳокима шавандаро омода менамояд.

-консултатсияҳо, баромадҳои умумӣ, барқароркунӣ ва сессияҳои озмоишӣ- имтиҳонӣ ташкил мекунад.

-кори донишҷӯёнро дар давраи ба лоиҳадорории корҳои курсӣ ва дипломӣ назорат мекунанд.

-донишҷӯёнро ба адабиётҳои таълимӣ-методии зарурӣ таъмин мекунад.

-ҳисоботи бо шакли муқараргардидаи 2-НК-ро омода намуда ва ба ҷонишини директор оид ба таълим пешниҳод менамояд.

-ҳисоботи дарсазхудкунии донишҷӯёнро таҳлил намуда ба Шӯрои илмии муассисаи таълимӣ барои баррасӣ пешниҳод мекунад.

-тақризнависиро ба корҳои санҷишӣ ташкил ва назорат мекунад.

-дар кори комиссияи тарификатсионӣ иштирок мекунад.

-иҷроиши сарбории омӯзгоронро назорат мекунад.

-аз болои риояи интизом ва тартиботи донишҷӯён назорат менамояд.

-аз болои сифати дарсҳои фанҳои таълимӣ назорат мекунад.

-аз болои таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ ва лоиҳаи дипломӣ назорати умумӣ карда дар ҷадвал рафти иҷрошавиро қайд мекунад.

-дар охири соли таҳсил ҷамбасти азхудкунии фанҳо дар ҳамаи гурӯҳои таълимии шӯъбаи ғоибона ва аз як курс ба курси дигар гузаронидани донишҷӯён ба маъмурият гузориш пешниҳод мекунад.

**Ҳуқуқ дорад:**

-дар бораи мукофотонӣ ва додани ҷазоҳои имтизомӣ ба донишҷӯён, омӯзгорон ва ҳайати коргарони шӯъба таклифҳо пешниҳод мекунад.

-кори раисони комиссияҳои фаннӣ ва шахсоне, ки дар шӯъба кор мекунанд, назорат мекунад.

-нақшаи кори методисти шӯъба ва нақшаҳои тақвими омӯзгорони шӯъбаро таҳлил ва тасдиқ мекунад.

-оид ба хориҷкунӣ, қабулкунӣ ва гузаронидани донишҷӯён таклиф пешниҳод менамояд.

**Дастурамали вазифавии декани факулта**

Факултет ҷузъи таркибии сохтори таълимӣ, тарбиявӣ, илмӣ ва маъмурии муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ буда, тибқи қарори Шӯрои илмии муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар сурати мавҷуд будани пояи моддию техникӣ ва илмию фарҳангӣ мувофиқ ба меъёрҳо таъсис дода мешавад.

Ба факултет декан роҳбарӣ мекунад.

Декани факултетро директори муассисаи таълимӣ аз ҷумлаи устодони унвони илмӣ ё собиқаи коридошта ба муддати 5 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамоянд.

Маҳдудияти синну солӣ ҳангоми таъини декани факултет тибқи муқаррароти кодекси меҳнати ҶТ муайян карда мешавад.

Декани факултет вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

-ширкати бевосита дар тайёр намудани кадрҳои баландихтисос;

-ба роҳ мондани низоми таълим, тарбия, такмили ихтисоси устодон ва кормандони техникию ёрирасон;

-пешбурди фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ, методӣ ва илмию тадқиқотӣ.

-барои ташкили корҳои самараноки таълимӣ ва тарбиявӣ дар сохтори факултет созмон додани секторҳои гуногун эҷодӣ;

-барои амалӣ сохтани фаъолияти таълимӣ, методӣ, тарбиявӣ ва маъмурӣ Шӯрои илмии факултетро роҳбари мекунад;

**Кафедра**

Кафедра аз муҳимтарин зинаҳои таълимии сохтори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳисоб ёфта, гузаронидани корҳои таълимӣ, илмӣ ва тарбиявӣ ба он вобаста аст. Вазифаи асосии кафедра аз рӯи як ё якчанд фанҳои наздик ташкилу амалӣ гардонидани корҳои таълимӣ, илмӣ-методӣ,

ғоявӣ-тарбиявӣ, дар байни донишҷӯён бурдани тадқиқотии илмӣ аз рӯи ихтисоси кафедра, тайёр кардани кадрҳои илмӣ- омӯзгорӣ ва такмили тахассуси онҳост.

Фаъолияти кафедра бояд ба тайёр кардани мутахассисоне, ки дорои донишҳои амиқи назариявию амалӣ, таҷрибаву малакаи зиёд ва ихтисоси баланди касбианд, ҳамчунин ватандӯст буда, соҳиби мавқеи фаъоли ҳаётианд, равона карда шавад.

Ба ҳайати кафедра профессорон, дотсентон, сармуаллимон, ассистентон, омӯзгорон, аспирантон, мудири кабинет, сарлаборант, лаборант шомил буда метавонанд.

**Дастурамали вазифавии мудири кафедра:**

Мудири кафедра сарварии кафедраро ба ӯҳда дорад ва ба ин вазифа тибқи низоми муқарраршуда интихоб карда мешаванд.

Муҳокимаи иҷрои нақшаҳои панҷсолаву солона ва дигар масъалахои фаъолияти кафедра дар ҷаласаҳои кафедра таҳти роҳбарии мудир бо иштироки ҳайати профессорону омӯзгорони кафедра сурат мегирад.

Ҳар як корманди кафедра нақшаи инфиродӣ дошта, дар он кули масоили таълимиву ғайритаълимӣ(методӣ, илмӣ, тарбиявӣ, ҷамъиятӣ) дарҷ карда мешавад. Нақшаҳои инфиродии кормандони кафедра аз ҷониби мудир ва сарвари муассисаи таълимӣ тасдиқ карда мешавад. Нақшаи инфиродии мудири кафедраро директори муассисаи таълимӣ тасдиқ менамояд.

**Ӯҳдадориҳои асосӣ:**

-ширкат дар кори ҳамаи зинаҳои муассисаи таълимӣ, ки масоили фаъолияти кафедраро дар бар мегирад;

-ба нақшагирии фаъолияти кафедра, тасдиқи нақшаҳои инфиродии омӯзгорон, кормандони кафедра ва кулли ҳуҷҷатҳо дар сатҳи кафедра;

-муайян кардани самти ягона ва мавзӯи корҳои илмӣ-тадқиқотии коллективи кафедра, роҳбарӣ ба корхои илмӣ-тадқиқотӣ ва ширкати бевосита дар он, ташкили кӯмаки илмиву методӣ ба мактабҳо, хоҷагии таълимӣ ва дигар корхонаҳо;

-тақсимоти сарбории омӯзгорон ва супоришот байни кормандони кафедра, роҳбарӣ ва назорати мутассил ба сифати иҷрои саривақтии онҳо;

-роҳбарӣ ба корҳое, ки аз ҷониби кормандони кафедра дар тайёр намудани китобҳои дарсӣ, васоити методӣ, таълимӣ ва айёнӣ сурат мегирад;

-аз байни кормандони кафедра тибқи низоми муқарраршуда интихоб намудани довталабон ба аспирантура ва манзур намудани ҳуҷҷатҳои онҳо ба комиссияи озмунӣ;

-манзур кардани мавод ба директор дар хусусӣ ба кор қабулкунӣ, сабукдӯшкунӣ, табодули ҷои кормандони кафедра, қадр кардан ва ҷазо додани онҳо аз лиҳози моддиву маънавӣ;

-ташкил ва назорати сифати корҳои тарбиявие, ки омӯзгорони кафедра ҳангоми лексия ва дарсҳои амалӣ дар байни донишҷуён, инчунин гурӯҳҳое, ки ба кафедра вобаста карда шудаанд, мегузаронанд;

-назорати ҳолати интизоми меҳнат ва тарзи иҷрои супориш дар кафедра, сурати иҷро шудани нақшаи инфиродӣ, натиҷаҳои иҷрои нақшаи омӯзгорон;

-пешниҳоди ҷадвали рухсатии кормандони кафедра, пешниҳоди дархостнома барои гирифтани таҷҳизот, мавод ва монанди онҳо;

-ташкили кори таҷҳизоти моддӣ-техникии кафедраҳо ва такмили воситаҳои техникии таълим.

**Дастурамали вазифавии мудири шӯъбаи таҷрибаомӯзӣ**

Ба вазифаи мудири таҷрибаомӯзӣ шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ васобиқаи кории зиёда аз 5 соли педагогӣ ё истеҳсолӣ дошта бошад.

Мудири таҷрибаомӯзӣ ташкилотчии бевоситаи фаъолияти ҳама гуна таҷрибаомӯзиҳое, ки дар нақшаи таълимӣ дарҷ гардидаанд, раванди онҳоро мувофиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимкунандаи таҳсилот ба роҳ мемонад. Роҳбарони таҷрибаомӯзӣ, ки тибқи фармоишоти директори муассисаи таълимӣ таъин гардидаанд таҳти роҳбарии вай фаъолият мекунанд.

Мудири таҷрибаомӯзӣ дар назди шӯъбаи таълим ва ҷонишини директор оид ба корҳои таълимӣ ҳисоботдиҳанда мебошад.

**Вазифаҳои асосӣ:**

-омода сохтани замина дар бораи бастани шартномаҳои тарафайн байни маъмурияти муассисаи таълимӣ ва вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳои истеҳсолӣ оид ба гузаштани таҷрибромӯзии донишҷӯён;

-ба раводиди директор ҷобаҷогузории омӯзгорон барои роҳбарии таҷрибромӯзии донишҷӯён;

-ба нақша гирифтани раванди таҷрибаомӯзии донишҷӯён;

-ташкил кардани раванди таҷрибаомӯзии донишҷӯён;

-омодасозии рӯзномаҳои стандартии таҷрибаомӯзии донишҷӯён;

-назорат кардани иҷроиши саривақтӣ ва сифатнокии роҳандозии нақшаҳои таҷрибаомӯзии донишҷӯён;

-назорати ҳама гуна таҷрибаомӯзиҳои раванди таълимии донишҷӯён;

-талаб намудани иҷроиши барномаи раванди таҷрибаомӯзии донишҷӯён;

-тартиб додан ва ба тасдиқ расонидани нақшаи ягонаи таҷрибаомӯзии донишҷӯён барои муассисаи таълимӣ дар асоси нақшаи таълимии тасдиқгардида ;

-омӯхтани талаботи истеҳсолии таҷрибаомӯзон ва банақшагирии муваффақонаи ҷамбасти таҷрибаомӯзии донишҷӯён;

-тасдиқкунандаи ҳисоботи корҳои таҷрибаомӯзии донишҷӯён;

-омодакунандаи маводҳои таҷрибаомӯзии донишҷӯён ба Шӯрои таълимӣ-методӣ;

-тарҳрезии чорабиниҳо барои мукаммалгардонии раванди таҷрибаомӯзии донишҷӯён;

-ҷорӣ кардани усулҳои нави пешқадам, шакл ва воситаҳои таҷрибаомӯзӣ;
- мукаммалгардонии тарбияи меҳнатии донишҷӯён;
-таъмини муассисаи таълимӣ бо ҳуҷҷатҳои таълимӣ ва методӣ;
-ташкили фаъолияти эҷодии донишҷӯён;
-назорати гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯён;
-назорати иҷроиши таҷрибаомӯзии донишҷӯён;
-омӯхтани таҷрибаи пешқадами дигар муассисаҳои таълимӣ;
-назорат кардани вазъи фанҳои таълимии донишҷӯён.

**Дастурамали вазифавии сармуҳосиб**

Ба вазифаи сармуҳосиб шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ васобиқаи кории касбии на камтар аз 5 сол дошта бошад.

Сармуҳосиби муассиси таълимӣ бевосита ба роҳбари муассиса итоат намуда, кори ташкили сиёсати баҳисобгирӣ, пешбурди баҳисобгирии меҳнатӣ, саривақт, пурра ва барои ба таври боэътимод пешниҳод кардани ҳисоботи муҳосиботӣ масъул аст.

Сармуҳосиб мувофиқат кардани муомилоти хоҷагиро ба Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва назоратро аз болои ҳаракати амвол ва иҷрои ӯҳдадориҳо таъмин менамояд.

Талаби сармуҳосиб дар бораи ба расмият даровардани муомилоти хоҷагӣ ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои лозимӣ ва маълумотҳо ба муҳосибот барои ҳамаи кормандони муассиса ҳатмӣ мебошад.

Ҳуҷҷатҳои пулӣ ва ҳисобу китоб, ӯҳдадориҳои молиявӣ ва қарзӣ бе имзои сармуҳосиб беэътибор буда, ба инобат гирифта наме шавад.

Таъин кардан, озод намудан ва аз як ҷой ба ҷойи дигар гузаронидани ашхоси масъули молии муассиса дар мувофиқат бо сармуҳосиб сурат мегирад.

Ҳангоми аз вазифа озод кардани сармуҳосиб ҳуҷҷатҳо ба сармуҳосиби навтаъиншуда супорида шуда, дар раванди он ҳолати баҳисобгирии муҳосиботӣ, боэътимодии нишондиҳандаҳои ҳисоботӣ тафтиш карда шуда, санади дахлдор тартиб дода мешавад ва онро роҳбари муссисаи таълимӣ тасдиқ мекунад.

**Мудири устохонаи таълимӣ**

Мудири устохонаи таълимӣ омӯзиши истеҳсолии донишҷӯёнро ташкил ва роҳбарӣ намуда, ба ташкилу иҷрои нақшаи устохона масъул аст. Дар назди мудири таҷрибаи таълимӣ-истеҳсолӣ ҳисоботдиҳанда мебошад.

**Ӯҳдадориҳои асосӣ:**

Таҷрибаомӯзии таълимии донишҷӯёнро ташкил мекунад.

Кори устохонаро ташкил мекунад.

Доир ба бехатарии техникӣ, санитарияи истеҳсолӣ ва ҳолати зиддисӯхторӣ чораҷӯиҳо ташкил карда, онҳоро дар амал татбиқ мекунад.

Дар кори комиссияи фаннӣ оид ба соҳаҳои устохона иштирок мекунад.

Барои устохона руйхати асбобҳо, таҷҳизот ва маводҳои заруриро барои сол тартиб медиҳад.

Аз болои харҷи маводҳо ва истифодаи дурусти асбобҳои устохона назорат мекунад.

Устохонаро барои машғулият бо донишҷӯён тайёр менамояд.

Сифати корҳои иҷро шудаистодаро назорат мекунад.

Дурустии таҷҳизот ва тозагии корро тафтиш мекунад.

Аз болои давомот ва дарсазхудкунии донишҷӯён ҳисоботи ҳаррӯза мебарад.

**Дастурамали вазифавии мудири китобхона**

Мудири китобхона барои ташкили кори он, нигоҳдории фонди китобҳо ва иҷрои нақшаҳои корӣ ҷавоб медиҳад.

Ӯ ба ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявии муассисаи таълимӣ итоат менамояд. Вай дар асоси нақшаҳои аз тарафи директор тасдиқнамуда кор мекунад.

**Ӯҳдадориҳои асосӣ:**

-тартибдиҳии нақшаи моҳонаи кори китобхона (дар асоси нақшаи солона) ва ташкили иҷрои он;

-пуркунии фонди китобҳо мутобиқи нақшаҳо, барномаҳо ва масъалаҳои таълимӣ-тарбиявӣ;

-ташкили вохӯриҳо, диспутҳо, намоиши адабиётҳо, конференсияи донишҷӯён, маҷаллаҳои даҳонӣ ва ғайраҳо;

-ташкил ва нигоҳдории ҳисоботи фонди китобхона;

-ба ташкилотҳои болоӣ пешниҳодкунии ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ;

-иштирок кардан дар шӯроҳои илмӣ-омӯзгорӣ ва машваратҳои муассисаи таълимӣ;

-таъмину хизматрасони ба донишҷӯёну кормандон оид ба адабиётҳои зарурӣ;

-ташкили кори фаъолони китобхона;

-таъмини коркарди адабиётҳо.

**Ҳуқуқ дорад:**

Аз болои саривақт ба китобхона супоридани китобҳо назорат кунад.

**Мудири (нозири) шӯъбаи кадрҳо**

Шӯъбаи кадрҳо яке аз бахшҳои муҳими муассисаҳои таълимӣ маҳсуб шуда, дар амалияи хеш қонунгузории меҳнатӣ, фармоишу нишондоди директорро сармашқи фаъолияти худ қарор медиҳад.

Мудири (нозири) кадрҳо шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ дошта бошад. Дар кори худ Кодекси қонун дар бораи меҳнат, дастурҳои Вазорати Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастури

директори муассисаи таълимӣро ба роҳбари мегирад. Нозири кадр дар назди директор ҳисоботдиҳанда мебошад.

**Ӯҳдадориҳои асосӣ:**

1.Ҳисоботи ҳайати шахсии кормандони муассисаи таълимиро мебарад.

2.Ҳуҷҷатҳои оид ба қабул, ҷойивазкунӣ, аз кор озодкунии коркунони муассисаи таълимӣро ба расмият медарорад.

3.Дар охири ҳар моҳ табели кормандонро барои гирифтани музди меҳнат тартиб медиҳад.

4.Барои ба нафақа баромадани кормандони муассиса ҳуҷҷатҳои заруриро омода месозад.

5.Мувофиқи Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи дараҷаи маъюбӣ барои муайян намудани фоизи маъюбпулӣ аз буҷаи давлат ва музди меҳнати кормандон мусоидат мекунад.

6.Парвандаҳои шахсии омӯзгорон, донишҷӯён, коркунони хоҷагиро тибқи талабот ба тартиб медарорад.

7.Дар дафтарчаҳои меҳнатӣ тибқи талабот сабт мекунад ва нигоҳ медорад.

8.Парвандаҳои шахсии коркунонро ба расмият медарорад.

9.Рухсатиҳои меҳнатиро ба расмият даровარда, аз болои онҳо назорат мебарад.

10.Ба кормандон маълумотномаҳои зарурӣ медиҳад.

11.Бо супориши директор ҳуҷҷатҳои мукофотонидани кормандони муассисаи таълимӣро ба расмият медарорад.

12.Протоколи ҷаласаи назоратиро қайд мекунад ва шахсони масъулро барои иҷро вазифадор мекунад.

13.Ҳуҷҷатҳои кори комиссияи тақсимоти мутахассисони ҷавонро омода месозад, ҳолати ба ҷойи кор ҳозиршавии хатмкунандагонро назорат мебарад ва аз натиҷааш ба сардари муассисаи таълимӣ маълумот омода менамояд.

14.Ба хатмкардагон супоридани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ оид ба гирифтани тахассус (диплом, шаҳодатнома ва ғ.) ва замимаварақи онро ба сомон мерасонад.

15.Ҳуҷҷатҳои ба муассисаи таълимӣ воридшуда ва содиршударо (мактубҳо, тавсияҳо, дархостҳо, пешниҳодҳо ва ғ.) дар дафтари махсус ба қайд мегирад.

9.Бо комиссарияти ҳарбӣ оид ба даъватшавандагон ҳамкорӣ мекунад.

**Ҳуқуқ дорад**

1.Аз ҳар як коргарону донишҷӯёни муассисаи таълимӣ пешниҳоди ҳуҷҷату маълумоти заруриро талаб мекунад.

2. Ба дафтарчаи меҳнатӣ имзо гузорад.

**Дастурамали вазифавии ҳуқуқшинос**

**Ӯҳдадориҳои асосӣ:**

-иштирок дар таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрии муассисаи таълимӣ.

-муайян кардани мувофиқати фармоишу супоришҳо, қарорҳо, дастурамалҳо ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар муассисаи таълимӣ бароварда мешаванд бо қонунҳои амалкунанда.

-расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шӯъбаҳои муассисаи таълимӣ, тайёр намудани ҳуҷҷатҳои даъвоӣ аз номи муассиса ба судҳо, иштирок дар маҷлисҳои судӣ аз номи муассисаи таълимӣ.

-дар мувофиқа бо иттифоқи касаба таҳия сохтани қарордоди меҳнатӣ бо кормандон.

**Дастурамали вазифавии коменданти хобгоҳ**

Коменданти хобгоҳ ба ҷонишини директор оид ба корҳои- хоҷагидорӣ итоат карда бо алоқамандӣ бо мураббияи хобгоҳ кор мекунад.

**Ӯҳдадориҳои асосӣ:**

-таъмини шароити мӯътадили ҳаёту машғулият барои донишҷӯён дар хобгоҳ.

-ташкили кори ҳайати хизматрасонандагон.

-якҷоя бо мураббиён ҷойгиркунии донишҷӯён ва бурдани назорат аз болои онҳо дар бобати иҷрои талаботи қоидаҳои тартиботи дохилӣ.

**Ҳуқуқ дорад**

-ба назди директор оид ба масъалаи беҳтарсозии кори хобгоҳ масъала гузорад.

-дар кори Шӯрои хобгоҳ иштирок кунад.

-бо ҳамроҳии мураббиён донишҷӯёнро дар хобгоҳ ҷойгир кунад.

-доир ба масъалаи аз хобгоҳ рондани донишҷӯёни қоидаро вайронкарда масъала гузорад.